Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.**

Дар асоси омӯзиши автореферати диссертатсия муайян намудем, ки гузариш ба модели инноватсионии рушд имкон медиҳад, ки иқтисодиёт устувор ва мутобиқ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ шакл гирад, ки ин барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар метавонад мустақиман мусоидат намояд.

Бояд таъкид намуд, ки такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат на танҳо ба беҳтар гардидани механизмҳои ҳавасмандсозии технологӣ ва такмил додани инфрасохтори инноватсионӣ мусоидат мекунад, балки шароити заруриро барои ташаккули кластерҳои саноатӣ, рушди соҳибкории инноватсионӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва коҳиши вобастагӣ аз омилҳои беруна фароҳам меорад. Ин раванд ба устувории иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Муаллиф барои расидан ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои тадқиқотӣ аз маҷмӯи усулҳои таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ, моделсозӣ, таҳлили оморӣ ва арзёбӣ истифода намудааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ташкили системаи самараноки идоракунии рушди инноватсионӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон тақозо мекунад, ки ҳам заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам ниҳодҳои зарурӣ бо ҳам мутобиқ ва самаранок бошанд. Бо дарназардошти ин, дар сохтори рушди ипнноватсионии саноатӣ ниҳодҳое, ки ҳамкориҳои муассири миёни давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмиро тавсеа медиҳанд, дар татбиқи самараноки системаи мазкур омили калидӣ ба шумор мераванд.

Ба андешаи мо, ташкили системаи идоракунии рушди инноватсионӣ танҳо дар ҳолате самаранок хоҳад буд, ки давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ ҳамчун унсурҳои як экосистемаи ягона ва муттаҳид амал

намоянд. Ҳамгироии муассири ин ниҳодҳо имкон медиҳад, ки саноати Тоҷикистон ба сатҳи нав, аз ҷумла рақобатпазирии байналмилалӣ ва рушди устувор расида, дар шароити ноустувории стратегии ҷаҳонӣ устувории иқтисодии кишвар таъмин карда шавад.

Ҳамчунин, дар автореферати диссертатсия муаллиф маҷмуи тадбирҳои равиши идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат (саҳ. 27) муайян карда шудааст, ки муҳимтарин самтҳо ва зарурати экосистемаи инноватсионӣ дар кишварро дар бар мегиранд. Тадбирҳои пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки равандҳои инноватсионӣ дар бахши саноат ба таври самаранок ҳамоҳанг шуда, рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ ва устувории рушди иқтисодии кишвар таъмин карда шаванд.

Дар ин замина, ба ақидаи муаллиф дар бобати он, ки дар шароити имрӯза муҳимтарин омили мусоидаткунанда ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ташаккул додани муҳити инноватсионии созгор дар заминаи истифодаи босамари технологияи рақамӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ҷаҳонишавӣ ва авҷгирии бошиддати вазъи ҷаҳон кишварҳоро водор менамояд, ки барои рақобати шадиди бозори ҷаҳонӣ дар алоҳидагӣ тобовар бошанд, комилан мувофиқ ҳастем. Масалан, кишварҳое, ки дар инноватсия ва технологияҳои рақамӣ сармоягузорӣ мекунанд, метавонанд самаранокии истеҳсолотро баланд бардошта, имкони ворид шудан ба бозорҳои байналмилалиро беҳтар кунанд ва сатҳи зиндагии аҳолиро устувор афзоиш диҳанд.

Гарчанде, ки автореферати рисолаи диссертатсионӣ ҷанбаҳои мусбӣ дорад, аз камбудиҳо холӣ нест:

1. Кор бурд мекард агар муаллиф дар расми 8, ки асосҳои методологияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дида баромада шудааст, ҷанбаҳои методологии арзёбии таъсири соҳаи саноат ба муҳими зистро баинобат мегирифт.

2. Механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз”, ки муаллиф дар расим 16 овардааст, қобили дастгирӣ буда, аммо такмилталаб мебошад.

Қобили қайд аст, ки камбуҳои мазкур арзишу аҳамияти рисолаи диссертатсионии Муртазозода Оразро кам намекунад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод

шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, унвонҷӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ,
таҳлил ва аудит ДДОТ ба номи С. Айнӣ Зиёзода Б.С.

Имзои д.и.и., дотсент Зиёзода Б.С - ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо, кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ С. Қодирзода

Суроға:. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: (+992 901) 203020, (+992 918) 944714